Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе,
х. Рудаки, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна, дар мавзӯи: «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Муҳимияти таҳқиқоти диссертатсионии Расулова Д.Б. дар мавзӯи: «Такмили асосҳои ташкилӣ-иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» дар он асос меёбад, ки вай ба барномаҳо ва асноди меъёрию ҳуқуқӣ, аз қабили Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2009, №130 «Дар бораи ноҳиябандии зотҳои чорво, парранда, моҳӣ ва занбури асал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022»; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №160 «Дар бораи Барномаи маҷмӯавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» мувофиқат мекунад.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки навгониҳои илмии таҳқиқот илман асоснок карда шудаанд. Онҳо дар ҳалли масъалаҳои ташкили истеҳсолот ва баланд бардоштани самаранокии гӯсфандпарварӣ нақши муайян бозида метавонанд.

Аҳамияти назариявӣ, илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодоти дар кори илмӣ овардашуда ба мукаммалгардонии донишҳои назариявӣ ва методии раванди ташаккул ва таҳлили механизмҳои рушди гӯсфандпарварӣ мусоидат мекунанд. Дар диссертатсияи илмӣ як қатор пешниҳодҳо оварда шудаанд, ки татбиқи амалии онҳо дар низоми идоракунии соҳа ва ҳамчунин дар фаъолияти мақомотҳои дахлдори кишоварзӣ метавонанд бо овардани манфиатҳои иқтисодии миллӣ натиҷаҳои баланд биёранд.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки пешниҳодҳои муаллиф оиди самтҳои афзалиятноки ташкили истеҳсолот тавассути ташкили агрокластерҳо, коркарди саноатии маҳсулоти гӯсфандпарварӣ, моделҳои маблағгузории соҳа, чораҳои дастгирии давлатии рушди гӯсфандпарварӣ ва истифодаи технологияи инноватсионии ташкили

истеҳсолот метавонанд омилҳои рушди соҳа гарданд.

Бо назардошти инҳо қайд кардан мумкин аст, ки муаллиф ба мақсади гузоштаи кори диссертатсияи илмӣ ноил гаштааст. Таҳқиқоти кори диссертатсиониро мувофиқан ба талаботҳои шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02- Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ иҷро кардааст.

Дар баробари муваффақиятҳои гирифтаи диссертант, ба фикри мо, агар муаллиф дар кор ба рушди истеҳсоли хӯрокаи серғизо вобаста ба зотҳои чорво аҳамият медод, мазмуни диссертатсия боз беҳтар мегашт.

Вале ин эрод наметавонад қимати илмӣ ва амалии дар диссертатсия гирифтаро паст кунад.

Диссертатсияи Расулова Д.Б. дар мавзӯи: «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурий Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пурра ҷавбгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор, профессори кафедраи**
**маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ.**

**Суроға: 734061, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3,**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Тел: 234-09-07,**

**Имзои А.Рауфиро тасдиқ мекунам:**
**Мудири ШК ва КМ ДТТ** **Бухориев Н.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ